СУРАТМАҶЛИСИ № 54
Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ
ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

аз 11 июли соли 2026 ш.Душанбе

Раис – доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд.
Котиби илмӣ – номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Нарзулло Наимович.

Раис: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2024, таҳти №364/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доранд. Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сотсиология, профессор Шоисматуллоев Шоназар баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Қарор қабул карда шуд:

1.Диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи «Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050200 - Сиёсатшиносӣ 6D050204 – (Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
- Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович – Доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) Донишгоҳи давлатии тиббииТоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, асситенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ таъин таъйин карда шавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6.Санаи ҳимоя 30-юми сентябри соли 2026, соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____/ Сангинов Н.Н.

11 07 2026